**ПРОТОКОЛИ № 21-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «2» октябри соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

2-уми октябри соли 2025, соати 13:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-010 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 16:30.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «19» «январи» соли 2022 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 13 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон доктороии илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ.

Диссертатсия дар Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Муассисаи илмию таҳқиқотии "Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ"-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Каримзода Махмадкул Бобо –** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи технологияи истеҳсолоти химиявӣ, факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**2. Файзилов Икром Усманович –** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи биоограникӣ ва физколлоидии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»;

3. **Иброҳимзода Дилшод Эмом –** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи коркарди энергия ва хизматрасонии нефту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси шуро: Раҳимова М.
2. Котиби илмии шуро: Бекназарова Н.С.

Унвонҷӯ: Шаропов Фарух Сафолбекович.

Шаропов Ф.С. ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои химия, профессорон Бандаев С.Г., Раҷабзода С.И., Раҷабов У., Пулатов Э.Х. ва Раҳмонов Р.О. ҷавоб дод.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Каримзода Махмадкул Бобо – доктори илмҳои химия, профессор;
2. Файзилов Икром Усманович – доктори илмҳои химия, профессор;
3. Иброҳимзода Дилшод Эмом – доктори илмҳои химия, профессор.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Коновалов Д.А. – доктори илмҳои фармасевтӣ, профессор, мудири кафедраи фармакогнозия, ботаника ва технологияи фитопрепаратҳои Институти тиббию фармасевтии Пятигорск, филиали Муассисаи таълимии федералии давлатии буҷетии таҳсилоти олии "Донишгоҳи давлатии тиббии Волгоград"-и Вазорати тандурустии Федератсияи Россия.

2. Тробов Х.Т. – доктори илмҳои химия, аз рӯйи ихтисоси 02.00.03– Химияи органикӣ, профессори Институти биохимияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов.

3. Абдуллоев А. – доктори илмҳои биология, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ.

4. Илолов А.И. – доктори илмҳои химия, аз рӯйи ихтисоси 02.00.03– Химияи органикӣ, ҷонишини директори ТҶ "Тоҷи Нурафшон".

5. Икромӣ Х.И. – доктори илмҳои техникӣ, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

6. Гаврилин М.В. – доктори илмҳои фармасевтӣ (аз рӯйи ихтисоси 14.04.02 – Химияи фармасевтӣ, фармакогнозия), профессор, роҳбари шуъбаи коркарди маводи доруворӣи ҶФМ "ФАРМАКОР ПРОДАКШН", Россия, ш. Санкт-Петербург.

7. Алимов У.К. – доктори илмҳои техникӣ, профессори Институти химияи умумӣ ва ғайриорганикии Академияи илмҳои ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони расмӣ, ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои химия, профессор Раҷабов У. (раис), докторони илмҳои химия, и.в. профессор Мабатқадамзода К.С. (аъзо), доктори илмҳои химия Пулатов Э.Х. (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 13 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 12 иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз «2» октябри соли 2025 ш. Душанбе

Суханронии Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ, тақризи муассисаи пешбар – доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Раҷабзода С.И. суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи технологияи истеҳсолоти химиявии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Каримзода М.Б., – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи биоограникӣ ва физколлоидии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Файзилов И.У., – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи коркарди

энергия ва хизматрасонии нефту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Иброҳимзода Д.Э., муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои фармасевтӣ, профессор, мудири кафедраи фармакогнозия, ботаника ва технологияи фитопрепаратҳои Институти тиббию фармасевтии Пятигорск, филиали Муассисаи таълимии федералии давлатии буҷетии таҳсилоти олии "Донишгоҳи давлатии тиббии Волгоград"-и Вазорати тандурустии Федератсияи Россия Коновалов Д.А., доктори илмҳои химия, аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ, профессори Институти биохимияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Тробов Х.Т., доктори илмҳои биология, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ Абдуллоев А., доктори илмҳои химия, профессор, аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ, ҷонишини директори ТҶ "Тоҷи Нурафшон" Илолов А.И., доктори илмҳои техникӣ, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Икромӣ Х.И., доктори илмҳои фармасевтӣ (аз рӯйи ихтисоси 14.04.02 – Химияи фармасевтӣ, фармакогнозия), профессор, роҳбари шуъбаи коркарди маводи дорувории ҶФМ "ФАРМАКОР ПРОДАКШН", Россия, ш. Санкт-Петербург Гаврилин М.В., доктори илмҳои техникӣ, профессори Институти химияи умумӣ ва ғайриорганикии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон Алимов У.К. - ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Шаропов Ф.С.

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Шаропов Фарух Сафолбекович дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюмаи растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ – масс спектрометрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Шаропов Фарух Сафолбекович дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.
Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н. С.

аз «02» октябри соли 2025